# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №____
қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.06. 2024, № 22

Барои сазовор донистани Мирзоев Эраҷ Музаффарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, № 306/шд) рӯзи 19-юми апрели соли 2024, суратҷаласаи № 55 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзоев Эраҷ Музаффарович 11-уми декабри соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 факултети забони хориҷии Донишгоҳи давлатии ш. Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ-ро бо ихтисоси «Омӯзгори забони англисӣ» хатм кардааст. Солҳои 2010-2015 ҳамчун омӯзгори фанни забони англисӣ дар мактаби тахсилоти миёнаи умумии №15, н. Рӯдакӣ фаъолият намудааст. Солҳои 2015-2017 ҳамчун омӯзгори забони англисӣ МТҒ «Коллеҷи тиббии н. Рӯдакӣ», солҳои 2017-2018 ба ҳайси мудири шуъбаи «Кори ҳамширагӣ», солҳои 2018-2020 ҳамчун омӯзгории асосии кафедраи «Забонҳо», солҳои 2020-2023 ба вазифаи декани шуъбаи шабона таъин гардида, аз соли 2023 то ҳол ба вазифаи декани факултети «Кори ҳамширагӣ» бо таҳсилоти миёнаи асосии Коллеҷи тиббии н. Рӯдакӣ кор ва фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** –доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**2. Сабирова Сановбар Ғаниевна**, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии филиали ДДМ ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муассисаи пешбар**: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна, ташхисгар – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси – Забоншиносӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Маҳмудзода Миҷгона Абдулваҳоб, котиби илмии ҷаласа - доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси – Забоншиносӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Сафарзода Руҳангези Акбар имзо гардида, ба имзову мухри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ шуда ва қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраротi бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Мирзоев Э.М. Назаре ба омӯзиши воҳидҳои фразеологии феълии ифодкунанда «ҳаракат» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Э. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. – 2020. №3. – С.93-97.

[2-М]. Мирзоев Э.М Семантические особенности фразеологических единиц, обозначающих движение в таджикском и англиском языках / Э.Мирзоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, – 2020. №4. – С.30-32.

[3-М]. Мирзоев Э.М Феълҳои таркибӣ ҳамчун як ҷузъи фразеологизмҳои феълӣ / Э. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе. – 2023. №5. – С.81-85.

**2. Мақолаҳое, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[4-М]. Мирзоев Э.М. Шарҳу тавсифи як гурӯҳи семантикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забони тоҷикӣ / Э. М. Мирзоев. – Душанбе, 2022. – С.65-67.

[5-М]. Мирзоев Э.М., Ҷоматов С.С. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забони англисӣ / Э.М. Мирзоев, С.С. Ҷоматов // Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва проблемаҳои забоншиносии муосир: Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе. – 2023. – С.268-270.

[6-М]. Мирзоев Э.М., Ҷоматов С.С. Таснифоти маънои воҳидҳои фразеологии феълии забони тоҷикӣ англисӣ / Э.М. Мирзоев, С.С. Ҷоматов // Идеяҳои рушди равобит дар шароити дузабона ва муносибатҳои байналмилалӣ», бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ»: Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе. – 2024. – С.111-115.

**Ба диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1.** Тақризи номзади илмҳои филология, и.в., дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара **Қодиров Дилшод Сайдаллоевич** мусбат буда, чунин эрод оварда шудааст:

- дар фишурдаи диссертатсия, вобаста ба имло, чигунагии орбурди аломатҳои китобат ва чоп, ҷо-ҷо хатоҳо низ ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо ҳусни корро бештар менамояд.

**2.** Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон **Саъдиева Гулистон Фатоевна** низ мусбат буда, чунин эрод оварда шудааст:

-дар бархе аз саҳифаҳои рисола ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ дида мешавад (саҳ.16, 18, 21, 23, 45, 46, 56, 77).

**3.** Тақризи номзади илмҳои филологӣ, и.в., дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Гулямов Ҳайдар Қаландарович** мусбат буда, чунин эродҳо оварда шудааст:

- муаллиф дар рисола иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқ баён менамуд хуб мешуд.

- дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (35, 88, 90, 97, 111) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

**4.** Дар тақризи номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академи М.С.Осимӣ **Камолова Гулрухсор Рустамовна** тақриз мусбат буда, ба рисола чунин эрод пешниҳод шудааст:

- муодили англисӣ ва ё тоҷикии баъзе аз воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ**:

- дараҷаи омӯзиши сохтори воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **муайян карда шуд**;
- омӯзишу таҳлили шаклу қолабҳои грамматикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми «ҳаракат» дар забонҳои муқоисашаванда ва муайян намудани воситаҳои алоқаи онҳо **муайян карда шуд**;
- хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат **таҳқиқ карда шуд**;
- муродифшавии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **таҳқиқ карда шуд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ таҳқиқи минбаъдаи ҷанбаҳои мукаммал омӯхтанашудаи масъалаҳои мансуби воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таълими фанни фразеологияи забонҳои тоҷикиву англисӣ дар макотиби миёна ва олӣ мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони забоншиносони хориҷиву ватанӣ, аз қабили Ш.Балли, Л.П.Смит, А.А. Потебня, И.И. Срезневский, Ф.Ф. Фортунатов, А.А.Шахматов, Е.Д.Поливанов, Д.Т.Тоҷиев, Н.Маъсумӣ, А.Мирзоев, Р.Ғаффоров, Б.Камолиддинов, Х.Ҳусейнов, Ҳ.Маҷидов, эроншиносон Ф.И. Зулфиқорова, Ю.А. Рубинчик, Мансур Шокӣ ва дигарон истифода шудаанд.

**Дар диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти лингвистӣ**: тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили дистрибутивӣ, таҳлили ҷузъҳо (компонентӣ) ва таҳлили сохторӣ типологӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки таҳқиқоти мазкур ва тавсияҳои он дар таълифи фарҳанги воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳамчунин барои таҳияи китобу дастуру васоити таълимӣ доир ба воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, гузаронидани курсу семинарҳои махсус истифода шуда

метавонад. Ҳамчунин ба китобҳои дарсию васоити ёрирасони таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ворид гардида, як мушкили таълими забони модариро осон хоҳад кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон додаанд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи** дар он зоҳир меёбад, ки дар мисоли маводи осори мансур ва фарҳангҳо хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 26-уми июни соли 2024 дар бораи сазовор донистани Мирзоев Эраҷ Музаффарович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 аъзои шуро 13 нафар иштирок доштан, ки аз инҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда мебошанд.

Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест , бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Каримов Ш. Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент — Каримова Д. Н.
26.06. 2024 с.